# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-034-И НАЗДИ МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б. ҒАФУРОВ” ДАР БОРАИ ДИССЕРТАТСИЯ ОИД БА ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ БИОЛОГӢ

Парвандаи аттестатсионии № 1

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 27-уми декабри соли 2022 № 5**

Барои сазовор донистани Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника.

Диссертатсияи **«Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон»** аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ба ҳимоя қабул карда шуд, суратҷаласаи №3 аз 19.10.2022 шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-034-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. (мувофиқи фармони КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 88/ ш.д аз 02 марти соли 2022 тасдиқшуда). Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1, www.hgu.tj.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович соли 1989 дар ноҳияи Деваштич таваллуд шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ МТМУ №30-и ноҳияи Деваштичро соли 2007 хатм намудааст. Худи ҳамон сол ҳуҷҷатҳои худро ба МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” супорида, соли 2012 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси «Биология» бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2012 ба шӯъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ дохил шуда, соли 2015 онро хатм намудааст. Мирсабуров Ш.М. айни замон ба ҳайси омӯзгор дар факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров фаъолият дорад.

Диссертатсия дар шӯъбаи флора ва систематикаи растании Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мавзӯи диссертатсияи номзадии Мирсабуров Ш.М. дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании

АМИТ аз 30 январи соли 2013 №1 ва аз 08 феврали соли 2022 №1 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: - Бобоев Мариё Тиллоевич - доктори илмҳои биологӣ, раиси Маркази илмии Хатлони АМИТ

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Наврузшоев Довутшо** – доктори илмҳои биологӣ, сарходими илмии Институти биологии Помири АМИТ ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков.

2. **Бобораҷабов Бобохон** – доктори илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Кафедраи ботаникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар тақризи мусбии худ, ки аз ҷониби профессори кафедраи ботаникаи Донишгоҳи мазкур Сатторов Р.Б. (эксперт) ва мудири кафедраи мазкур, номзади илмҳои биологӣ, дотсент Бобокалонов Ҷ.М. имзо гардида, аз ҷониби ректори донишгоҳ профессор Хушвахтзода Қ.Х. тасдиқ ва қайд шудааст, ки рисолаи номзадии довталаби дараҷаи илмӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ таҳия гардидааст. Интишороти унвонҷӯй нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Мирсабуров Ш.М. дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 67 ва 69-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар тақриз дарҷ гардидааст, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба итмом расонида буда аз нигоҳи сохтор ва мундариҷа комил аст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 03.02.01 – Ботаника (илмҳои биология) мувофиқат мекунад ва таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

1. Доктори илмҳои биологӣ, профессор, мудири шӯъбаи омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Мамадризохонов А.А. ба автореферати диссертатсия

тақриз навиштааст (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст). Тақриз мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ, профессори кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав Давлатзода Сайфиддин Хайриддин ба автореферати диссертатсия тақриз навишта (тақриз бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст), доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро иброз намудааст, ки мусбат арзёбӣ гардидааст.

3. Номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Исуфов Д.С. ба автореферати диссертатсия тақризи мусбат додааст.

4. Доктор PhD илмҳои биологӣ (03.02.01-Ботаника) Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Жалов Х. Ҳ. ба автореферати диссертатсия тақриз навишта, доир ба дастоварду комёбиҳои муаллифи рисола андешаҳояшро мусбат арзёбӣ намудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи ботаника буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок кардаанд ва дар ин самт мақолаҳои зиёде доир ба мазмун ва муҳтавои диссертатсияи мазкур наздикӣ дошта таълиф кардаанд. Муассисаи пешбар яке аз бонуфузтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили биологӣ хеле маъруф гардидаанд.

**Номгӯи муҳимтарин корҳои илмии моҳияти диссертатсияро инъикоскунанда ба таври зайл аст:**

[1-М]. Мирсабуров Ш.М. Материалы к фитогеографии пресноводных водорослей Центральной Азии [Текст] / Х.Х. Хисориев, А.Г. Ибоди, Ш.М. Мирсабуров //Доклады АН Республики Таджикистан. 2014. – Т. 57. – № 1. – С. 63-72.

[2-М]. Мирсабуров Ш.М. Таҳлили таксономии обсабзҳои сабз (Chlorophyta) дар обанбори Даҳанасой [Матн] / Ш.М. Мирсабуров // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2020. – №1 (52). – С. 51-55.

[3-М]. Мирсабуров Ш.М. Роль зелёных водорослей в определении качества воды в Кайраккумском и Каттасайском водохранилищах [Текст] / Ш.М. Мирсабуров, Г.Х. Шарипова // Учёные записки: серия естественные и экономические науки. – Худжанд, 2020. – №1 (52). – С. 56-60.

[4-М]. Мирсабуров Ш.М. О зелёных водорослях – Chlorophyta бассейна р. Исфары [Текст] / Ш.М. Мирсабуров, Х.Х. Хисориев // Доклады АН Республики Таджикистан. – 2021. – Т. 64. – №1-2. – С. 108-112.

[5-М]. Мирсабуров Ш.М. Новые флористические находки зелёных водорослей – Chlorophyta Северного Таджикистана [Текст] / Ш.М. Мирсабуров, М.Т. Бобоев // Учёные записки: серия естественные и экономические науки. – Худжанд, 2022. – №1 (60). – С. 27-30.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Мирсабуров Ш.М. Ташкил намудани алгорезерватҳо ва ё мамнӯъгоҳҳои хурд барои ҳифзи намудҳои нодири обсабзҳо дар Тоҷикистон [Матн] / Ҳ. Ҳисориев, П.А. Қурбонова, Ш.М. Мирсабуров // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳифзи гуногуннамудии биологии Помир дар шароити тағйирёбии иқлим». Душанбе, 2014. – С. 90-92.

[7-М]. Мирсабуров Ш.М. Омӯзиши гуногуншаклии обсабзҳои кабуду сабз – Cyanophyta дар обанбори Даҳанасой [Матн] / Ш.М. Мирсабуров, Г.Ҳ. Шарипова // Маводи конференсияи VIII-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ». Душанбе: Дониш, 2019. – С. 27-28.

[8-М]. Мирсабуров Ш.М. Гуногуннамудии обсабзҳои сабз (Chlorophyta) дар ҳавзаи Сирдарё [Матн] / Ш.М. Мирсабуров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмии «Гуногуннамудии биологии экосистемаҳои кӯҳии Помир вобаста ба тағйирёбии иқлим». Душанбе: Дониш, 2021. – С. 58-60.

[9-М]. Мирсабуров Ш.М. Гуногунии биологии обсабзҳои кабуду сабз – Cyanophyta дар обанбори Каттасой [Матн] / Ш.М.Мирсабуров, Г.Ҳ. Шарипова // Маводи конференсияи IX-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ». Душанбе: Дониш, 2021. – С. 24.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Мирсабуров Ш.М. дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ дар мавзӯи «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» як қатор масъалаҳо коркард шуд:

- таркиби систематикӣ, гуногунӣ, монандӣ ва тафовутҳо дар флораи обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон муайян карда шудаанд;

- хусусиятҳои хоси флора ва экологияи обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон таҳқиқ карда шудаанд;

- таҳлили муқоисавии флораи обсабзҳои сабзи обҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бо флораи дигар минтақаҳо таҳқиқ карда шудаанд;

- дараҷаи монандии таркиби намудии обсабзҳо дар минтақаи таҳқиқотӣ ва таҳлили бойигарии авлодӣ дар намудҳо гузаронида шудаанд;

- таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабз гузаронида шуда, обсабзҳои индикаторӣ, ки дар муайян кардани биологии (биоиндикатсия) ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аҳамияти илмӣ доранд, омӯхта шудаанд;

- рӯйхати мукаммали обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон таҳияи карда шудаанд.

**Аҳамияти илмию амалии таҳқиқот**

Натиҷаи ин таҳқиқот барои муайян намудани гуногунии биологии обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва таснифи онҳо аҳамияти илмиву амалӣ дорад. Мундариҷаи рисола оид ба шинохти гуногунии таркиби обсабзҳои сабзи минтақаи таҳқиқотӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба омӯзиши алгофлораи обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон имкон фароҳам оварда, дар зинаҳои гуногуни таълим ҷиҳати тадриси илми алгология (обсабзшиносӣ) барои донишҷӯён мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Истифодаи маълумотҳои ба дастомада дар муайян намудани флораи обсабзҳои сабзи Тоҷикистон ва минтақаҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти махсус дорад.

**Нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшуда:**

1. Таснифоти пурраи обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон;
2. Таҳлили таркиби алгофлораи обсабзҳои сабз (таркиби систематикӣ, муқоисакунӣ ва паҳншавӣ);
3. Натиҷаи омӯзиши гурӯҳҳои экологӣ ва тағйирёбии мавсимии обсабзҳои сабз.

4. Таҳлили обсабзҳои индикаторӣ дар муайян кардани ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия ба якчанд банди шиносномаи ихтисоси 03.02.01 – «Ботаника» мутобиқат мекунад:

***Мувофиқи банди 1.*** Таҳлили таркиби таснифотӣ, тавсифи умумии обсабзҳои сабз ва нишондиҳандаи дороии флоравӣ дар обҳои гуногун гузаронида шуд – зербобҳои 4.1. ва 4.2.

***Мувофиқи банди 2.*** Инкишоф ва тағйирёбии мавсимии афзоиши обсабзҳои сабз дар Тоҷикистони Шимолӣ ва таҳлили морфобиологии намудҳо вобаста ба шакли дарозӣ, паҳной ва қутри онҳо омӯхта шуд – зербоби 5.8.

***Мувофиқи банди 4.*** Омӯзиши паҳншавӣ ва сохтори географии флораи обсабзҳои сабз дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон гузаронида шуд – зербоби 5.2.

***Мувофиқи банди 5.*** Таҳлили гурӯҳҳои экологӣ, хусусиятҳои биоиндикатсионии обсабзҳои сабз, индикатори сифати оби обҳавзаҳои таҳқиқотӣ ва омӯзиши нишондиҳандаи дараҷаи ифлосии об муоина карда шуд – зербоби 5.1.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Рисолаи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, муаллифи он дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилу хулосабарорӣ ва навиштани рисола саҳми комил дорад.

**Асолат ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳо:**

Кори диссертатсионии Мирсабуров Ш.М. дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар дараҷаи баланди илмӣ бо истифода аз таҳлилҳои флористикӣ ва экологӣ ба монанди таҳлили таркиби таснифотӣ, тағйирёбии мавсимии афзоиши обсабзҳо, сохтори географии флора ва дигар таҳлилҳои биологӣ истифода шуданд, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои саҳеҳ ва асосноки дорои дақиқияти баланд ва дар амал татбиқ намудани таҳқиқотҳо истифода гардиданд.

**Тавсия оид ба истифодашавии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ:**

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ ва таълимӣ дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ ва дигар муассисаҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз он ҷумла саноатӣ,

кишоварзӣ ва обпартобҳои маишӣ, ки барои пешгирии ифлосшавии оби обанборҳо аз ҳисоби обҳои ғализ машғуланд, метавонанд истифода намоянд. Инчунин натиҷаҳои ба дастомада дар раванди таълим ҷиҳати тадриси илми алгология (обсабзшиносӣ) ҳангоми хондани курсҳои махсус, иҷрои корҳои курсӣ, дипломӣ ва таҳқиқотӣ татбиқ гардида, донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода қарор дода метавонанд.

Шӯрои диссертатсионӣ аз он хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба анҷом расонидашуда буда, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба ихтисоси 03.02.01 - Ботаника мувофиқат намуда, ба талаботи бандҳои 67 ва 69-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-034-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров рӯзи 27.12.2022 с., протоколи № 5 дар бораи ба Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани комиссияи ҳисоб дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 11 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 4 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 03.02.01. - Ботаника мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар (8 доктори илм) 11 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» 11 нафар, «Зид»- нест, «Варақаҳои беэътибор» - нест.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ, профессор Т.К. Хабилов

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ, дотсент Д.Э. Тоҷибоева

27.12.2022